**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН* ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2022

*Дар соли 2022 фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо рушди аксари нишондиҳандаҳои тавозунӣ ва беҳтар гардидани даромаднокӣ ҷамъбаст гардида, меъёрҳои пруденсиалии низоми бонкии кишвар аз талаботҳои ҳадди ақал ниҳоят баланд қарор доштанд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи чоруми соли 2022 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 25,3 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 13,3 банди фоизӣ (б.ф.) ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 1,9 б.ф. зиёд мебошад. Дар ин давра сармояи танзимшаванда ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи низоми бонкӣ мутаносибан ба андозаи 18,0 ва 9,1 фоиз афзоиш ёфта, ба зиёд шудани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) мусоидат намуд. Меъёри К1-2 бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 2,5 б.ф. коҳиш ёфта, ба 16,6 фоиз баробар гардид.




**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 94,9 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи чоруми соли 2021 ба андозаи 7,2 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 99,9 фоизро ташкил намуд.




**Бонкҳо ва ТАҚХ*

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи мӯътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 5,9 фоиз ва 28,3 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мутаносибан ба андозаи 4,8 б.ф. ва 23,4 б.ф. зиёд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки бо фоида ҷамъбаст гардидани фаъолияти аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур мусоидат намуд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 13,7 фоиз дар интиҳои моҳи декабри соли 2021 то ба 12,2 фоиз дар давраи ҳисоботӣ коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 101,1 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи декабри соли 2021 ба андозаи 9,8 б.ф. зиёд мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи чоруми соли 2022 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 2,3 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи декабри соли 2021 ба андозаи 5,0 б.ф. ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 0,2 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 29,0 фоиз ва 44,3 фоизро ташкил намуданд, ки аз тадриҷан паст шудани раванди долларикунонӣ дар низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳанд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*